# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович “Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ Калемуллоев М.В. (раиси комисия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қодирзода Д.Б. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14 июни 2025, суратмаҷлиси № 114а таъсис дода шудааст, диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасановичро дар мавзуи “Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин бароварданд:

1. **Муҳиммияти мавзуи таҳиқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Баҳодур Ҳасанович “Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ” муҳим ва мубрам буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки ҳалли масъалаи муҳими асосноккунии равишҳои назариявию методологӣ ва ташкилию амалии бунёди низоми миллии баҳисобгирии молиявиро дар шароити таҳкими равандҳои ҷаҳонишавӣ дар бар мегирад.

Дар шароити ҷаҳонишавии босуръати иқтисодӣ масъалаҳои бунёди низоми самараноки миллии баҳисобгирии молиявӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳамгироии мутақобилаи бозорхо, гардиши сармояи фаромарзӣ ва афзоиши рақобати байналмилалӣ аз низомҳои миллии баҳисобгирии молиявӣ дараҷаи баланди қиёспазирии иттилоот, шаффофӣ ва мувофиқат бо стандартҳои байналмилалиро талаб мекунанд. Аммо сарфи назар аз талошҳо дар ин самт, бисёр давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар роҳи ташаккули низоми мукаммал ва устувори баҳисобгирии молиявӣ, ки ҳам тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва ҳам хусусиятҳои миллиро инъикос кунад, ба як қатор мушкилоти институтсионалӣ, методологӣ ва меъёрӣ дучор меоянд.

Мушкилоти мазкур махсусан барои мамлакатҳои рӯ ба рушд, ки дар ҷараёни навсозии инфрасохтори молиявӣ ва низоми баҳисобгирии муҳосибии худ қарор доранд, дахл доранд. Мувозинати байни мутобиқсозии стандартҳои

байналмилалӣ, аз қабили СБҲМ ва нигоҳдории унсурҳои низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ бо назардошти амсилаи рушди иқтисодӣ, хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангиро таъмин кардан муҳим аст. Ин фаҳмиши амиқи назариявӣ ва таҳияи пойгоҳи методологиро талаб мекунад, ки қодир ба бунёди низоми муосири баҳисобгирии молиявӣ бошад, ки ба чолишҳои ҷаҳонишавӣ ҷавобгӯ буда, дар баробари ин шинохтпазирӣ ва устувории худро нигоҳ дорад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мавзуъ аҳамияти стратегӣ дорад, зеро мамлакат дар марҳилаи табдили фаъоли низоми баҳисобгирии муҳосибии худ дар самти ҳамоҳангсозӣ бо амалияи байналмилалӣ қарор дорад. Бо дарназардошти зарурати таъмини амнияти иқтисодӣ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории субъектҳои иқтисодӣ ва самаранокии танзими давлатӣ зарурати бунёди методологияи аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи ташкил ва амалкунии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ мусаллам мегардад. Маҳз ҳалли ин мушкилот дараҷаи баланди муҳиммӣ ва мубрамии таҳқиқотро муайян мекунад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро гадрдида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои баррасӣ ба зинаи минбаъда тавсия дода шудааст (протоколи № 8/2 ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 29 марти соли 2025).

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда ба доираи яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит мансуб буда, бо забони давлатӣ навишта шудааст. Дар шароити татбиқи ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рушди босуръати саноат ва ҳамгироӣ ба фазои иқтисодии ҷаҳонӣ нигаронида шудааст, ташаккули низоми муосири миллии баҳисобгирии молиявӣ аҳамияти хоса дорад. Ҳангоми ташкили чунин низом бояд тамоюлҳои ҷаҳонӣ, талаботи стандартҳои байналмилалӣ, инчунин хусусиятҳои хоси иқтисодиёти миллӣ ба назар гирифта шаванд. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба таҳияи асосҳои методологӣ ва механизмҳои амалии ташаккули низоми устувор ва мутобиқшавандаи баҳисобгирии молиявӣ, ки ба баланд бардоштани шаффофӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва идорашавандагии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити

ҷаҳонишавии иқтисодӣ мусоидат мекунад, нигаронида шудааст.

4. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри соли 2021, таҳти №349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳои докторӣ барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 1 монография, 51 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 32,0 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 28,4 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 22 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боқимонда дар дигар нашрияҳо ба чоп расонида шудааст, ки ҳамаи онҳо дар доираи мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия таҳия шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, аз ҷумла дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт» (Душанбе, 2020), «Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2021), «Самтҳои асосии таъмини саноатикунонии босуръати иқтисодиёт дар пасманзари ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2022), «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир» (Душанбе, 2023), «Иқтисодиёт, бизнес, инноватсияҳо» (Пенза, 2023), «Иқтисодиёт дар назария ва дар амалия: масъалаҳои мубрам ва ҷиҳатҳои муосир» (Пенза, 2024), «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2024) баҳои мусбат гирифтаанд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат ва магистратура бо самти ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит» дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон истифода мешаванд (маълумотномаи № 02/163 аз 28 феврали соли 2025).

Баъзе муқаррароти амалии таҳқиқот барои истифода дар фаъолияти

хадамоти муҳосибии ҶДММ “Консалтинг инженернинг сервисез ЛТД” (маълумотнома аз 20 феврали соли 2025) ва ташкилоти аудитории ҶДММ “Моор Стивенс (маълумотнома аз 22 феврали соли 2025) қабул гардидаанд.

6. Дар диссертатсияи Каримов Б.Ҳ. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровард шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Каримов Б.Ҳ. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест. Асолати матни автореферати диссертатсия 84,06% ва диссертатсия 76,02% аз ҳаҷми умумии корро ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият даровард шуданд.

8. Диссертатсия ба бандҳои 32, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мувофиқат мекунад. Он аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, ягонагии ботинӣ дорад, натиҷаҳои нави илмӣ ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниходшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллиф дар илми иқтисодӣ гувоҳӣ медиҳад.

Мутобиқи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, инчунин бандҳои 67, 69, 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Каримов Баҳодур Ҳасанович дар мавзуи “Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

– **Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;

– **Амонова Дилбар Субҳоновна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон;

– **Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ,

профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Калемуллоев М.В.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Дадоматов Д.Н.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Қодирзода Д.Б.**

04.07.2025

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ